# ФАРМОИШИ
# РАИСИ КОМИССИЯИ ОЛИИ АТТЕСТАТСИОНИИ НАЗДИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

аз «16» 07 соли 2024 №247/бд ш. Душанбе

*Дар бораи аз баррасӣ бозхонд намудани диссертатсия*

Мутобиқи сархати 17 банди 9 ва сархати 4 банди 18 Низомномаи муассисаи давлатии «Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон» (фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 10 ноябри соли 2021, №270) ва банди 117 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267),

ФАРМОИШ МЕДИҲАМ:

1. Диссертатсияи Атаев Акмалхон Саидумарович дар мавзуи «Институти шартномаҳои маданӣ-ҳуқуқӣ дар соҳаи хизматрасонии коммуналӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.03- Ҳуқуқи гражданӣ, ҳуқуқи соҳибкорӣ, ҳуқуқи оилавӣ, ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ аз баррасии Комиссия бозхонд карда шуда, дар ин асос қарори шурои диссертатсионии 6D.КОА-018 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон бекор карда шавад.

2. Ҳимояи такрории диссертатсияи Атаев Акмалхон Саидумарович барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисос дар доираи санадҳои меъёрии ҳуқуқии амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба роҳ монда шавад.

3. Мудири шуъбаи аттестатсионии илмҳои ҷамъиятӣ-гуманитарӣ (ВаЛизода Ҳ.С.) вазифадор карда шавад, ки дар муҳлати то 10 рӯз, аз рӯзи ба имзо расидани фармоиши мазкур, ҷиҳати ҷойгир намудани нусхаи он дар сомонаи Комиссия ва дар парвандаи аттестатсионии довталаб чораҳои зарурӣ андешад.

4. Назорати иҷрои фармоиши мазкур ба зиммаи муовини раиси Комиссия Шарифзода М.М. вогузор карда шавад.

Асос: аризаи довталаб Атаев Акмалхон Саидумарович аз 03 июли соли 2024

Раис Давлатзода С.Х.

КОМИССИЯИ ОЛИИ АТТЕСТАТСИОНИИ НАЗДИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
НУСХА БА АСЛАШ БАРОБАР АСТ